## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафаров Ҷ.М. дар мавзӯи: "Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология, - шаҳри Душанбе, 2026. -150 саҳ.**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ва самти таҳқиқот мутобиқи шиносномаи ихтисосҳои Муассисаи давлатии "Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба ихтисоси - Илмҳои тиббӣ, ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология, соҳаи таҳсил ба зербанди 3.1.- шаклҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии ҷараёни эпидемикии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои муайян намудани сабабҳо, шароит ва механизми инкишофи он; зербанди 3.8. – Таҳия ва такмили асосҳои илмӣ, методӣ ва ташкили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ мутобиқат мекунад.

Мазмуни диссертатсия таҳқиқотро оид ба мушкилотҳои эпидемиологӣ, хусусан бемориҳое, ки аз паразитҳо ба амал меоянд, пурра инъикос менамояд. Тамоми муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия вазифаҳои гузошташударо инъикос намуда, асоснок ва мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бармеоянд.

2. **Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.** Тибқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар миёнаҳои солҳои 2000-ум, ҳиссаи онҳое, ки ба намудҳои гуногуни паразитҳо дар кишвар гирифтор шудаанд, чунин буд: 1/3 беморон ба Enterobius vermicularis, ҳамин миқдор аз Ascaris lumbricoides, дар ҳоле ки ҳар чорум гирифтори гелминтоз буданд - 5%.

Дар асоси нишондодҳои муайяншуда дар сатҳи ҷумҳуриявӣ як қатор барномаҳои давлатӣ амалӣ карда шуданд, ки ба коҳиш додани шумораи гирифторони бемориҳои гелминтӣ дар байни аҳолӣ, беҳтар намудани ошкоркунӣ, ташхис ва табобат равона карда шудаанд.

Инвазияҳои гелминтӣ дар кӯдакон метавонанд ба рушди камхунӣ оварда расонанд». Дар байни омилҳо ва роҳҳои паҳншавии инвазияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти ватанӣ ба аҳамияти омили обӣ ишора мешавад: «Омили обӣ ҳамчун яке аз роҳҳои муҳимми сироятёбӣ баррасӣ мегардад». Ҳамзамон, нақши омилҳои рафторию гигиенӣ низ таъкид мешавад: «Риояи нокифояи гигиенаи шахсӣ ва паст будани фарҳанги санитарӣ хатари инвазияҳоро зиёд мекунад». Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки: «зиёд шудани дараҷаи ошкоркунӣ ба шароити зиндагонии аҳолӣ низ вобаста аст». Дар байни ин гуруҳи омилҳо: «шумораи аъзоёни оила, шароити зист, шароити манзилию коммуналӣ, таъминоти моддӣ, ҳиссаи буҷети тандурустӣ дар системаи умумии маблағгузории мамлакат аҳамияти калон дорад». Дар вақти ҷо ба ҷо кардани беморон ба талаботи зерин диққати махсус додан лозим аст: «синну сол, ҷинс, касб, мавсим ва ғайра». Маҳз ҳамин доираи масъалаҳо дар равандии ба тартиб андохтани шумораи аҳолии гирифтори гелминтозҳо нақши калон мебозанд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар дисертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Гирифторшавӣ ба бемориҳои гелминтӣ дар байни кӯдакони ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи умумии сироятёфтагон аз 1 фоиз зиёд буда, дар як сол аз 50 ҳазор нафар зиёд нест. Аксари гирифторшудагон кӯдакони аз 4 то 14 сола мебошанд. Дар деҳот дар 75%-и ҳолатҳо кӯдакон гирифтори гелминтозҳо мебошанд.

Аз ҳисоби умумии гирифторшудагон дар ҷумҳурӣ кӯдакони дар шаҳр иқоматдошта бо сироятҳои гелминтӣ аз 2% зиёд нестанд. Кӯдакони дар деҳот иқоматдошта нисбати кӯдакони шаҳрӣ 2,5 маротиба бештар

гирифтори бемории гелминтӣ мебошанд. Кӯдакони оилаҳои серфарзанд нисбат ба оилаҳои хурд бештар гирифтори гелминтозҳо мебошанд.

Дар манзараи клиникии гелминтозҳо бештар аломатҳои аксуламалҳои аллергикӣ ва ихтилоли системаи ҳозима бартарӣ доранд. Нишондиҳандаи баландтарини беморшавӣ барои кӯдакони гирифтори аскаридоз, пас энтеробиоз ва гименолепидоз хос аст. Муайян карда шудааст, ки гелминтҳо ба нишондиҳандаҳои хосиятҳои физикӣ ва химиявии эритроситҳо таъсири назаррас мерасонанд.

Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда аз се банд иборат буда, натиҷаҳои таҳқиқоти дар ҳар як вазифаи дар диссертатсия зикршударо мухтасар инъикос мекунад.

4. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии пешниҳодҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар ин диссертатсия пешниҳодшуда аз рӯи хусусияти ҳамаҷонибаи таҳқиқот ва паҳнои маълумоти истифодашуда муайян карда мешавад. Ҳамаи пешниҳодҳо ба консепсияҳои илмии муосир дар соҳаҳои гелминтология, эпидемиология ва тибби иҷтимоӣ асос ёфтаанд.

Бо истифодаи усулҳои клиникӣ ва оморӣ, намунаи намояндагӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои ҷинс ва синну соли кӯдакон эътимоднокии натиҷаҳо таъмин карда мешавад. Хулосаҳо ҳам мушоҳидаҳои клиникӣ ва ҳам маълумоти оморӣ, ки вазъи воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос мекунанд, дастгирӣ карда мешаванд. Тавсияҳои амалӣ бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ мувофиқ буда, ба онҳо аҳамияти иловагӣ ва арзиши амалии иловагӣ медиҳанд.

Муқоисаи маълумоти бадастовардашуда бо натиҷаҳои дигар таҳқиқот эътимоднокӣ ва такроршавандагии онҳоро тасдиқ мекунад. Ҳамин тариқ, пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии ин диссертатсия заминаи мустаҳками далелӣ доранд ва татбиқи онҳо метавонад ба беҳтар шудани

чораҳои пешгирикунанда, самаранокии ёрии тиббӣ ва тақвияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат кунад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 150 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардида, аз муқаддима, тавсифи умумии кор, баррасии адабиёт, боби пешниҳоди мавод ва усулҳои таҳқиқот, ду боби таҳқиқоти мустақил, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт, ки 179 манбаъ, аз ҷумла 139 манбаъ ба забони русӣ ва 40 манбаъ бо забонҳои хориҷиро фаро мегирад, иборат аст.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум**, ки ҳамчун шарҳи адабиётҳо оварда шудааст, муаллиф 179 сарчашмаи илмиро, ки микёси масъаларо равшан нишон медиҳанд, омӯхта ва таҳлил кардааст. Маълумоти муосир дар бораи гелминтозҳо дар кӯдакон, хусусиятҳои эпидемиологӣ ва клиникии онҳо, омилҳои хавф, ташхис, ва пешгирӣ оварда шудааст.

**Дар боби дуюм**, "Мавод ва усулҳои таҳқиқотӣ", муаллиф хусусиятҳои эпидемиологӣ ва клиникии беморони таҳқиқшударо пешниҳод мекунад. Хусусан, тавсифи маводи клиникӣ, усулҳои таҳқиқот, микёсҳои арзёбӣ, коркарди оморӣ ва таҳлили натиҷаҳо тавсиф шудаанд.

**Дар боби сеюм** паҳншавии бемориҳои паразитӣ дар байни минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистонва таҳлили муқоисавии онҳо гузаронида шуда, омилҳои ба паҳншавии гелминтозҳо таъсиррасонро маълум намудааст. Вобастагии зиёд шудани дараҷаи ошкоркунии гелминтҳо аз шароити зиндагонии аҳолӣ низ оварда шудааст. Аҳамияти як гуруҳ омилҳо ба монанди шумораи аъзоёни оила, шароити манзил, хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъминоти моливӣ аҳамияти қайд карда мешавад. Вобаста бар ин паҳншавии гелминҳо вобаста аз теъдоди аъзоёни оила, шароити зиндагӣ ва сатҳи дороӣ дар оила маълум карда шуд.

Оварда шудааст, ки ба гелминтозҳо кӯдакони оилаҳои серфарзанд бештар гирифтор мешуданд. Теъдоди ками кӯдакон дар оила далели тамоюли кам шудани шумораи гирифтори кӯдакон ва калонсолон буд. Дар он оилаҳое, ки шумораи аъзоёни оила 4-6 нафарро ташкил медод, сатҳи беморшавӣ ду маротиба зиёдтар буда, сатҳи пасттарини гелминтозҳо дар он оилаҳое буд, ки шумораи аъзоёни онҳо 1-3 нафарро ташкил медод. Ошкор гардид, ки нақши шароити зиндагӣ ва сатҳи доройӣ дар оила ба зуд-зуд гирифтор шудан ба бемории гелминтӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар оилаҳое, ки сатҳи дороишашон зиёд аст, гирифторони бемориҳои гелминтӣ дар муқоиса бо оилаҳои камбизоат ду маротиба камтар аст.

**Боби чорум** ба омӯзиши хусусиятҳои клиникӣ ва гематологии кӯдакони гирифтори гелминтозҳои рӯдавӣ бахшида шудааст. Барои муфассалтар фарқ кардани аломатҳои асосии клиникӣ ҷараёни тасвири клиникиро дар 150 кӯдаки бемор арзёбӣ гардидааст. Маълум гардид, ки бештар, тасвири клиникиро ду маҷмааи асосии аломатҳо нишон медиҳанд, ки аломатҳои клиникии бемориҳои аллергӣ, ихтилоли ҳозима бо басомади то 75% мебошанд.

Инчунин таҳлили таъсири омилҳои ба паҳншавии гелминтҳо таъсиррасонанда гузаронида шудааст. Дар кӯдакони сироятёфта мавҷудияти баъзе одатҳои бад, ки метавонанд сироятро интиқол диҳанд, ба монанди хоидан ашёи сахт (нӯги қалам ва ручка ва ғ.) ва газидани нохунҳо мебошанд, ки дар ҳар як сеюм кӯдак рух медиҳанд тавсиф карда шудаанд. Одатҳои бад дар вобастагии этиологӣ нақши ҷиддӣ надошта бошанд ҳам, вале набояд фаромӯш кард, ки мавҷудияти онҳо дар байни кӯдакон, ки ҳоло муайян нашудааст ва ин дар оянда метавонад боиси зиёд шудани хатари воридшавии паразитҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи ҳаёт дар ин кӯдакон гардад.

Дар кӯдакон вобастагии байни вазнинии омилҳои рафтор ва эҳтимолияти сирояти гелминтҳо муайян карда шудааст.

Инчунин мавҷудияти тағйироти муайяни динамикаи баъзе нишондиҳандаҳои ҳаҷми хуни артериалӣ, вобаста ба намуди гелминтҳо, мавҷуд будани фарқи гендериро дар баъзе нишондҳандаҳо маълум намудаанд. Қиматҳои миёнаи нишондодҳои нишондиҳандаҳои гуногуни ҲХА нисбат ба арзишҳои истинодӣ барои давраи кӯдакӣ ошкор карда шудааст.

**Дар боби панҷум,** "Шарҳи мухтасари натиҷаҳои таҳқиқот", натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ шуда, натиҷаҳои муаллиф бо натиҷаҳои нашрияҳои ахир дар ин мавзӯъ муқоиса карда мешаванд.

Хулосаҳо аз чор банд иборатанд, ки пурра бо вазифаҳои таҳқиқотии изҳоркардаи муаллиф мувофиқат мекунанд ва ноил шудан ба онҳоро нишон медиҳанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои бадастоварда, тафсир ва муҳокимаҳои назариявии онҳо, ҷанбаҳои методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дардиссертатсия пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёни таълимии донишгоҳҳои тиббӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоии ин таҳқиқот дар коҳиш додани гирифторшавии кӯдакон ба гелминтозҳо, беҳтар кардани сифати ёрии тиббӣ ва таҳияи барномаҳои пешгирикунанда, ки бо ин васила ба беҳтар шудани саломатии ҷамъиятӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии беморон мусоидат мекунанд, мебошад. Баланд бардоштани маърифати кӯдакони бемор ва модарон дар бораи бемориҳои гелминтӣ ба коҳиши гирифторшавӣ ба беморшавӣ дар кӯдакон мусоидат мекунад.

Маълумотҳои таҳқиқоти диссертатсияи мазкур дар таҳияи дастури таълимӣ - методии «Гелминтозҳои тамосӣ дар кӯдакон» истифода шудааст.

Коҳиш додани хароҷоти табобат ва барқарорсозӣ тавассути пешгирии барвақт ва беҳсозии равандҳои ташкилӣ дар соҳаи тандурустӣ,

инчунин истифодаи самараноктари захираҳои системавӣ аҳамияти иқтисодии корро ифода мекунад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзӯи рисола 8 мақолаҳои чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ нашр шудаанд, 1 дастури таълимӣ-методӣ таҳия шудааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Ҳамаи бахшҳо мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторбандӣ шудаанд ва матн бодиққат аз ҷиҳати хатогиҳо ва дуршавӣ аз меъёрҳо дида баромада шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович дар мавзӯи «Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Директори МД «Маркази ҷумҳуриявии

муబориза бо бемориҳои тропикӣ»
ВТ ҲИА ҶТ, доктори илмҳои тиббӣ Каримов С.С.

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ноҳияи Рӯдакӣ
ҷамоати деҳоти Чортепа
маҳалаи Очамайлӣ, хонаи 20
Тел.: (+992) 918-61-32-15
E-mail: saif64@mail.ru
«03» 06 2026

Имзои Каримов С.С. -ро «тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои МД «Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ» ВТ ҲИА ҶТ Азизова Х
____ ___________2026

Суроғаи муассиса:
734026. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ 48
+(99237) 234-33-43
E-mail qou @ipovszrt. tj
«03» 06 2026